«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
профессор __________ Насриддинзода Э.С.
«___» ______________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051000 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 - Амнияти иқтисодӣ) вобаста ба бандҳои: 1. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои таснифӣ (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва афзорҳои танзими он; 3. Таҳияи методҳои нав ва мутобиқгардонии методҳои мавҷуда, механизмҳо ва афзорҳои баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ; 5. Захираҳои корпоративии таъиноти стратегӣ ва амнияти иқтисодӣ (сармояи асосӣ ва гардон, захираҳои инсонӣ, иқтидори пешрафти илмию техникӣ, таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ); 6. Ҷанбаҳои ташкилию методологӣ ва методии таъмини амнияти иқтисодӣ, мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.**

Дар марҳалаи муосири таҳаввулоти ҷомеа, новобаста аз сатҳи рушди низомҳои иқтисодӣ, масъалаҳои афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ, бекорӣ ва камбуди молу хизматрасониҳои барои ҷомеа муҳим ҳамчун мушкилоти калидӣ боқӣ мемонанд. Ин равандҳо рақобатпазирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро дар бозори меҳнат коҳиш дода, воридшавии онҳоро ба муҳити фаъоли иқтисодӣ душвор мегардонанд.

Дар назарияи иқтисоди муосир, амнияти иқтисодӣ на танҳо ҳамчун қобилияти муқовимати давлат ба таҳдидҳои беруна, балки ҳамчун низоми таъминкунандаи суботи иҷтимоӣ ва сатҳи шоистаи зиндагии шаҳрвандон баррасӣ мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки амнияти иқтисодии миллӣ бо нишондиҳандаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва коҳиши нобаробарӣ робитаи зич дорад.

Сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди устувор, ташкили ҷойҳои корӣ ва дастгирии соҳибкорию ҳунарманди нигаронида шудааст. Қабули стратегияҳои давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ

то соли 2040 ва омодасозии кадрҳо то соли 2030 гувоҳи таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумат ба ин соҳа мебошад.

Бо вуҷуди ин, маҳдудияти захираҳои молиявии давлат ва нокомиҳои механизми бозорӣ зарурати ҷалби ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ҳамчун институтҳои мустақил ба миён меорад. Дар шароити Тоҷикистон, фаъолияти ин ташкилотҳо бо мушкилоти системавӣ, аз қабили норасоии маблағгузорӣ, сатҳи пасти идоракунии муосир ва сустии равандҳои рақамикунонӣ рӯ ба рӯ аст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамоҳангшудаи амнияти иқтисодӣ ва такмили идораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад.

Бинобар ин, мубрамии мавзуи таҳқиқоти **Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик тахти унвони «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)»** дар нуқтаҳои зерин ифода мeёбад:

Аввалан, дар зарурати стратегии таҳкими амнияти миллӣ, чунки дар шароити таҳдидҳои муосир, таъмини амнияти иқтисодӣ тавассути суботи иҷтимоӣ ва дастгирии қабатҳои осебпазир ба як авлавияти давлатӣ табдил ёфтааст. Аз тарафи дигар, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун «бахши сеюм» метавонанд вазифаҳои иҷтимоиеро, ки давлат ва бахши хусусӣ пурра фаро гирифта наметавонанд, иҷро намоянд, вале ин кор бознигарии илмии механизмҳои идоракунии онҳоро талаб мекунад.

Сониян, дар иқтисодиёти ватанӣ нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар пасманзари амнияти иқтисодӣ ва таъсири рақамикунонӣ ба самаранокии онҳо камтар мавриди таҳқиқи комплексӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, таҳияи моделҳои нави идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ имкон медиҳад, ки фишори иҷтимоӣ ба буҷети давлатӣ коҳиш ёфта, сатҳи зиндагии гурӯҳҳои осебпазир дар амал беҳтар гардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар доираи он бори нахуст масъалаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ фаъолият менамоянд, ҳамчун унсури муҳимми таркибии таъмини амнияти иқтисодии давлат аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст. Дар ин замина, доираи консептуалии фаҳмиши амнияти иқтисодӣ васеъ гардонида шуда, нақш ва аҳаммияти институтҳои ғайридавлатӣ дар таъмини устувории иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки воқеан натиҷаҳои зерини таҳқиқот дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд ва ба ҳимоя ҳамчун муқаррароти алоҳида баровардани онҳо асоснок ба назар мерасад:

1. Муаллиф консепсияи таъмини амнияти иқтисодиро тавассути ворид намудани механизмҳои дастгирии ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта такмил дода, дар ин замина, маҷмуи тадбирҳои

институтсионалӣ, молиявию буҷетӣ ва имтиёзҳои андозиро ҳамчун усулҳои муассири таҳкими иктидори ин ташкилотҳо асоснок кардааст.

2. Докторант (PhD), барои баланд бардоштани накши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар низоми амнияти иқтисодӣ, шаклҳои нави ташкилию иқтисодии фаъолияти онҳоро дар соҳаи иҷтимоӣ пешниҳод намудааст, ки ба таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолии осебпазир (хусусан маъюбон), татбиқи принсипҳои иқтисодиёти сабз, риояи баробарии гендерӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират нигаронида шудаанд.

3. Дар диссертатсияи тақризшаванда масъалаҳои назариявии амнияти иқтисодии кишвар дар робита бо нишондиҳандаҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ таҳия шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили идоракунӣ ва арзёбии самаранокии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои осебпазири иқтисоди миллӣ пешниҳод гардидаанд.

4. Муаллиф роҳҳои таҳкими амнияти иқтисодиро дар заминаи муайян кардани маҷмуи усулҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилию иҷтимоӣ асоснок намуда, бо ҳамин низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар самти дастгирии қабатҳои ниёзманди ҷомеа такмил додааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Саҳми шахсии муаллиф дар раванди таҳқиқот аз интихоби асосноки мавзуи илмӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили амиқи маводҳои таҷрибавӣ, инчунин муайян намудани ҳадаф, объект ва предмети кор оғоз гардида, дар таҳияи вазифаҳои мушаххаси илмӣ таҷассум ёфтааст. Муаллиф равишҳои назариявию амалиро оид ба таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мукаммал ва дақиқ намудааст.

Саҳми муаллиф дар **сатҳи методологӣ** дар мустақилона муайян намудани дастгоҳи илмии таҳқиқот (мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет) ва асосноккунии мубрамияти мавзуъ дар контексти амнияти миллии иқтисодӣ зоҳир мегардад.

Дар **сатҳи иазариявӣ** бошад, саҳми муаллиф дар мукаммал гардонидани равишҳои илмӣ оид ба накши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар низоми таъмини амнияти иктисодӣ ва иҷтимоӣ равшан ба назар мерасад.

Саҳми муаллифи диссертатсия **дар амалия** бо таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва самтҳои такмили идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои дастгирии қабатҳои осебпазири аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалӣ ва интишори онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда баёнгари саҳми амалии муаллиф мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Сохтори диссертатсия бо дарназардошти ҳадаф ва маҷмуи вазифаҳои таҳқиқотӣ мантиқан ташаккул дода шуда, қисматҳои зеринро дар бар мегирад: рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боби асосӣ, ки аз даҳ зербоб иборат мебошанд, инчунин хулоса, пешниҳодҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо. Ҳаҷми умумии таҳқиқот 212 саҳифаро ташкил намуда, дар он 38 ҷадвал ва 10 расми таҳлилӣ истифода гардидааст, ки мазмуни илмии корро такмил ва равшан менамоянд.

Дар қисми **муқаддимавии** диссертатсия зарурати илмии интихоби мавзуъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он дар адабиёти илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Инчунин, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он ба таври дақиқ ва мантиқӣ муайян карда шудаанд. Дар баробари ин, дар муқаддима натиҷаҳои калидии бадастомада ҷамъбаст гардида, ҷанбаҳои дорои навгонии илмии таҳқиқот ба таври равшан ифода ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия «**Асосҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта**» таҳқиқоти назариявӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои назариявӣ оид ба таҳкими амнияти иқтисодӣ тавассути фаъолияти ташкилотҳои гайритиҷоратӣ, хусусиятҳои иқтисодии чунин ташкилотҳо ҳамчун шакли махсуси низоми соҳибкории иҷтимоӣ, ҳамчунин масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба таҳкими амнияти иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Илова бар ин, таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо ҳадафи таҳкими амнияти иқтисодӣ таҳлил ва матраҳ гардидааст (саҳ. 15-62).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки тибқи маълумотҳои дар адабиётҳои иқтисодӣ овардашуда, амнияти иқтисодӣ мафҳуми бисёрсатҳа буда, аз як тараф, масоили марбут ба амнияти инфиродӣ - сатҳи зиндагӣ, дастрасӣ ба таҳсилот ва тандурустӣ, шуғл, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва ғайраро дар бар мегирад, аз ҷониби дигар бошад, масъалаҳои амнияти миллӣ, аз ҷумла масъалаҳои устувории системаҳои давлатӣ ба буҳронҳо, камбизоатӣ, табақабандии иҷтимоӣ ва ғайраро фаро мегирад. Аз ин ҷост, ки муаллиф дар саҳифаҳои 16 ва 17-и диссертатсия мавқеи муҳаққиқони хориҷию ватаниро доир ба таърифи амнияти иқтисодӣ дар шакли ҷадвал оварда, шарҳи мухтасари онҳоро пешниҳод менамояд.

Ба андешаи муаллиф, дар шароити кунунӣ сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат инкишоф ёфта, қонунҳои нав қабул шуда, барномаҳои мухталифи дастгирии соҳибкории хурду миёна таҳия мешаванд. Дар баробари ин, дар дастгирии давлатӣ барои густариши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ бояд хусусиятҳои соҳавӣ, ҷуғрофӣ, миллӣ ва таърихии рушди минтақаҳои кишвар ба инобат гирифта шаванд. Дар ин сурат, рушди соҳибкории иҷтимоӣ дар шакли ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар минтақаҳои кишвар дар ҳалли масоили иҷтимоӣ-иқтисодии давлат нақши асосиро иҷро карда метавонад. Аз ин ҷост, ки муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки муҳим-тарин нақши

ташкилотҳои гайритиҷоратӣ ин таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои қишри осебпазири ҷомеа ва таъмини шуғли фарогир мебошад, ки дар натиҷа, сатҳи бекорӣ ва гаронии буҷети давлат кам карда мешавад. Ҳатто корхонаҳои хурди иҷтимоӣ дар шакли соҳибкории иҷтимоӣ низ имконияти ба кор таъмин намудани қишрҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазирро (масалан, маъюбон, муҳоҷирони меҳнатӣ, занон, ҷавонон, нафақахӯрон) доранд (с. 36-37).

Тавре ки қаблан дарҷ гардид, дар адабиёти иқтисодӣ амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҳолати ҳифзи иқтисодиёт аз таҳдидҳои дохилию берунӣ маънидод карда мешавад. Аммо дар шароити афзояндаи нобаробариҳои иҷтимоӣ, ноустуворӣ ва осебпазирии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ зарурати муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла ҷанбаҳои иҷтимоии таъмини амнияти иқтисодӣ, ба монанди ҳифзи сатҳи зиндагии аҳолӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, имкониятҳои баробар барои иштирок дар иқтисодиёт, паст кардани сатҳи осебпазирии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ меафзояд. Вобаста ба ин, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт якчанд равишҳои консептуалиро метавон муайян кард, ки онҳо аз тарафи муллиф дар саҳифаҳои 53-57-и диссертатсия пурра мавриди омӯзиши пурра қарор гирифта, асоснок гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки бо унвони **«Фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамо-юли иҷтимоидошта ва аҳаммияти онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муқаррар гардидааст, таҳлили муфассал оид ба саҳми ин ташкилотҳо дар устувории иқтисодию иҷтимоӣ пешниҳод шудааст. Ба таври мушаххас, дар ин боб масъалаҳои таъмини шугл ва суботи иҷтимоии афроди маъюб, ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъсири ин равандҳо ба амнияти иқтисодӣ, боло бурдани мақоми иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо, ҳамчунин нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бартарафсозии мушкилоти экологӣ ва пешбурди иқтисоди сабз ҳамчун омилҳои устувории амнияти иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд (саҳ. 63-128).

Заминаи ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ чи дар сатҳи локалӣ (миллӣ) ва чи дар сатҳи глобалӣ омӯхта муаллифи диссертатсия бомаврид қайд менамояд, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои гайритиҷоратӣ дар кор бо маъюбон ҳам бо қонунгузории миллӣ ва ҳам бо конвенсияҳои байналмилалӣ асос ёфта, ҳуҷҷатҳои асосие, ки дар сатҳи байналмилалӣ ба ин самт рабт доранд, чунинанд: 1. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон аз 13-уми декабри соли 2006 - ҳуқуқи маъюбонро ба меҳнат, таҳсилот, иштирок дар ҷомеа ва дастрасӣ ба инфрасохтор эътироф мекунад. Ҳуҷҷати мазкурро аксари киш-варҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон низ эътироф намуда, имзо гузоштааст; 2. Ҳадафҳои рушди устувори СММ (2015-2030) - истиноди мустақимро оид ба зарурати тавсеаи имкониятҳо барои шахсони дорои маъюбият дар бар меги-рад (аз ҷумла: ҲРУ 4 - таҳсилоти босифат; ҲРУ 8 - кори сазовор ва рушди иқтисодӣ; ҲРУ 10 - коҳиши

нобаробарӣ; ҲРУ 11 - шаҳрҳо ва ҷамоатҳои усту-вор); 3. Эъломияи ТБМ оид ба принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат - ҳуқуқ ба шугли гайри табъизро муқаррар мекунад (с. 64).

Ба андешаи муаллиф дар даҳсолаи охир Тоҷикистон ба дастовардҳои устувор дар коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ноил гардида, муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ҳамчун омили калидӣ дар пешрафти иктисодиёт эътироф мешавад. Ин раванд барои кишварҳо манбаи алтернативии даромадро фароҳам меорад, ки боиси коҳиши бекорӣ ва тақвияти захираҳои асъорӣ мегардад. Тибқи маълумот соли 2024 воридоти пулӣ аз ҳисоби шаҳрвандони берун аз кишвар қарордошта (муҳоҷирони меҳнатӣ, бизнес ва г.) ба кишвар 5,8 млрд доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 27% (4,6 млрд доллари ИМА дар соли 2023) зиёдтар мебошад (с. 79).

Дастгирии сиёсати гендерии пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳуририро ба назари эътибор гирифта, муллиф дар қатори муваффақиятҳо дар ин самт ҳамзамон қайд менамояд, ки соҳибкории занон дар Тоҷикистон бо як қатор монеаҳои системавӣ аз ҷумла дастрасии маҳдуд ба воситаҳои молиявӣ, паст будани сатҳи қонундонӣ ва ҳуқуқ, маҳдудияти фарҳангӣ ва дастгирии заиф аз ҷониби оилаҳо рӯ ба рӯ мегардад. Дар чунин шароит ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун миё-нарав байни занон ва институтҳои дастгирӣ баромад мекунанд. Чунин ташкилотҳо барои гирифтани қарзҳои хурд ва грантҳо, таҳияи бизнес-нақша, ёрии ҳуқуқӣ, ташкили кооперативҳо ва иттиҳодияҳои истеҳсолии занон (коргоҳи дӯзандагӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва г.) мусоидат менамоянд (с. 101).

Дар боби сеюми диссертатсия бо унвони «**Роҳҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратии тамоюли иҷтимоидошта**» масъалаҳои асосии такмил ва оптимизатсияи низоми идоракунии ташкилотҳои гайритиҷоратӣ таҳлил шудаанд. Дар он тавсияҳои методологӣ оид ба арзёбии самаранокии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар равандҳои таҳкими амнияти иқтисодӣ, такмил ва мукаммалгардонии усулҳои институтсионалӣ ва ташкилии идоракунии онҳо, ҳамчунин равишҳои методологии ислоҳоти низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иктисодиёти миллӣ пешниҳод ва таҳлил карда шудаанд (саҳ. 128-168).

Рушди иқтисоди рақамӣ солҳои охир дар кишвар ба як самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар замони рушди босуръати технологияҳои рақамӣ истифодаи онҳо метавонад ба такмил ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Аз ҷумла, пайдоиши мафҳумҳои нави «ҳукумати электронӣ» ва «иқтисоди рақамӣ» нишон медиҳад, ки технологияҳои муосир дар рушди устувор ва самараноки бахшҳои гуногуни ҷомеа нақши мусбат доранд. Бо ин мақсад, Пешвои миллат пешниҳод карданд, ки солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд, то ки

равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ тақвият ёбанд. Аз ин ҷост, ки муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар доираи ин иқдоми саривақтӣ диққати асосӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории рақамӣ ва васеъшавии савдои электронӣ равона мегардад, ки ин нуктаҳо дар зербоби 3.1.-и боби сеюм мавриди омӯзиши пурра қарор гирифтааст (с. 133-134).

Ба андешаи муаллиф, дастгирии буҷетӣ самти дигари мусоидат ба самаранок фаъолият намудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Чунин шакли дастгирӣ набояд ба таври умумӣ ба маблағгузории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ равона гардад, балки бояд ҳамчун омили мақсадноки рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ баромад намояд. Вобаста ба ин, таҳияи барномаҳои махсуси маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатию маҳаллӣ аҳаммияти хосса дорад. Барномаҳои маблағгузорӣ метавонанд самтҳои гуногун, аз ҷумла дастгирии лоиҳаҳои иҷтимоии минтақавӣ, ташкили инфарасохтори зарурии иҷтимоӣ барои фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, тақвияти ҳамкории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақомот дар самти коҳиш додани камбизоатӣ ва дигар равандҳои рушди иҷтимоиро фаро гиранд. Чунин навъ дастгирӣ на танҳо заминаи устувори молиявии рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратиро фароҳам меоранд, балки ҳамчун омили таъмини самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат амал намуда, ба таҳкими амнияти иқтисодии кишвар таъсири мусбат мерасонанд (с. 141-142).

Ба андешаи муаллиф, бинобар сабаби аҳаммияти бештар пайдо намудани фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар шароити муосир зарурати арзёбӣ намудани фаъолияти онҳо дар таъмини ҷанбаҳои иҷтимоии амнияти иқтсодии кишвар ба вуҷуд меояд. Аз нуқтаи назари муаллиф, се самти таҳлили ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар таъмини масъалаҳои иҷтимоии амнияти иқтисодӣ ҷудо кардан мумкин аст: *аввалан,* танҳо дар ҳолати арзёбии «вазни иқтисодӣ»-и бахши ғайритиҷоратӣ метавон ба эътирофу дастгирии мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон умед баст. Чунки субъектҳои иқтисодии мазкур ба чунин ташкилотҳо ҳамчун иштирокчиёни баробарҳуқуқи раванди иқтисодӣ муносибат намуда, ҳангоми интихоби қарорҳои идоракунии иқти-содӣ ба фаъолияти онҳо аҳаммият медиҳанд; *дуюм,* зарурати ташаккули механизми худбаҳодиҳии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ аҳаммияти бештар пайдо намуда, имкон медиҳад, ки чунин ташкилотҳо мавқеи худро ҳамчун иштирокчии баробарҳуқуқи бозор дарк ва муайян намоянд; *сеюм,* арзёбии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти кор бо табақаи осебпазири аҳолӣ бояд ҳамчун нишондиҳандаи ҳадди ақали таъмини амнияти иқтисодии давлат мавқеи устувор пайдо менамояд (155-156).

Дар **хулоса ва тавсияҳо,** (саҳ. 169-174) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии онҳо баррасӣ гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифода аз усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда тавассути омӯзиши адабиёти марбут ба мавзуи таҳқиқот эътимоднокии маълумот, таҳлил ва коркарди натиҷаҳои омории таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда шудааст. Хулоса, пешниҳодот ва тавсияҳои методӣ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ таҳия гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада заминаи илмӣ барои фаҳмиши амиқи нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ, самтҳои фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба таҳкими амнияти иқтисодӣ фароҳам меоранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки роҳҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ аз нуқтаи назарии илмӣ таҳлил ва амалӣ гарданд.

**Аҳаммияти амалӣ** ва татбиқии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ барои фанҳои «Амнияти иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти меҳнат» истифода шаванд. Илова бар ин, тавсияҳои методӣ оид ба фаъолгардонии соҳибкории иҷтимоӣ дар фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ имконият медиҳанд, ки онҳо дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар самаранок истифода гарданд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаандаи илмӣ.**

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф 15 мақоларо нашр намудааст, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмию тақризшавандаи эътирофшуда аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар конференсияҳои байналмилалӣ ва 2 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Ҳакимзода М.А. мутахассиси варзида дар самти омӯзиши амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳимми илмӣ дар ин самтро дорад ва таҳқиқоти диссертатсионии ӯ ба самти тахассусаш мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқараршудаи шиносномаи тахассуси ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ), пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба

талаботҳои мукараргардида ҷавобгӯ буда, дар ҳолати амалишавӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Дар матни бобҳо ва зербобҳо ҳамаи мавзуъҳо ва масъалаҳое, ки ба таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ алоқаманданд, номбар шудаанд. Дар баробари ин, ба ақидаи мо, ба масъалаҳои дар зер овардашуда боз ҳам бештар диққат дода мешуд, мазмуни кор бойтар мегардид:

1. Дар ҷадвали 1.2. (саҳифаи 18-19-и диссертатсия) муаллиф мавқеи муҳаққиқон доир ба зарурати фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар ҳалли масоили иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ оварда мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҷанбаҳои назариявии зербоб ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дар ин ҷадвал дар қатори фикру андешаҳои олимони хориҷӣ, ҳамзамон андешаҳо ва мавқеи муҳаққиқони ватаниро, ки дар ин самт таҳқиқотҳои худро анҷом додаанд, оварда асоснок менамуд.

2. Дар боби 1.3.-и диссертатсия муаллиф, таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодиро оварда, аз он ҷумла таҷрибаи як қатор кишварҳо ба мисли ИМА, Олмон, Нидерланд ва ғайра (с.47-48) оиди рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва нақши онҳоро дар низоми устувории иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Мазмуну мундариҷаи зербоби мазкур ранги дигар мегирифт, агар муаллиф нишон медод, ки таҷрибаи кадоме аз он кишварҳоро дар мисоли ҷумҳурии мо амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

3. Чи тавре ки аз Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи 28-уми декабри соли 2024 бармеояд, дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ зиёда аз чор миллион ҷойи корӣ таъсису бар-қарор карда шудааст. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ранги дигар мегирифт, агар муаллиф нишон дода метавонист, ки нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъсису барқарорнамоии ҷойҳои нави корӣ дар шароити ҳозира дар кадом сатҳ қарор дорад.

4. Дар диссертатсия, бахусус дар боби сеюм, ба яке аз ҷузъҳои асосии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ – яъне рушди инноватсия, истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ, ки ҳамчун шакли махсуси низоми (системаи) соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, диққати кам зоҳир гардидааст ва чӣ тавре ки маълум аст, дар асри навин навҷорисозӣ ва такя ба дастовардҳои илмию техникӣ яке аз омилҳои ба рушди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад.

5. Дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия ҷадвалҳои бисёр оварда шудаанд. Хуб мешуд, агар дар қатори онҳо муаллиф, бахусус дар зербоби 3.3.-и боби сеюм, ки ҳамчун боби натиҷадиҳанда ба ҳисоб меравад, диаграмма, расм ва схемаҳои хусусияти аналитикидоштаро оид ба равишҳои методии ислоҳоти низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои гайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисоди миллӣ оварда асоснок менамуд, ки мазмун ва

мундариҷаи кори илмии мазкурро боз ҳам боюу ғанӣ мегардонид.

Эроду камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, сатҳи назариявӣ-методӣ ва амалии диссертатсияи М.А. Ҳакимзодаро коҳиш намедиҳанд. Дар умум диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти ба итмомрасида ҳисобида шуда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, муқарраროти омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267) ҷавобгӯ мебошад.

Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. **Автореферат** ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳимми мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъкунанда мебошад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст. Масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи диссертатсия – Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 - Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тағоев Б.Д. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №7 аз 16.03.2026 с.).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 8 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 8 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
мудири кафедраи иқтисоди миллӣ
ва бехатарии иқтисодӣ Раҳимзода Ҳ.Р.

Ташхисгар,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисоди миллӣ ва
бехатарии иқтисодӣ Тағоев Б.Д.

Котиби илмии ҷаласа,
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва
бехатарии иқтисодӣ Сафаров А.Ҳ

Дурустии имзои Ҳ.Р.Раҳимзода, Б.Д.Тағоев ва А.Ҳ.Сафаровро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Телефон:** (+992-37) 221-62-25, (+992-37) 227-15-10
**E-mail:** info@tnu.tj